Ба Шурои диссерататсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Тайи даҳсолаи охир рақамикунонии иқтисодиёт ба яке аз омилҳои асосии рушди низоми молиявии аксари давлатҳои ҷаҳон табдил ёфтааст. Воридшавии технологияҳои рақамӣ ба бозори хизматрасониҳои молиявӣ шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, воситаҳои муосири пардохт, хизматрасониҳои фосилавии молиявӣ ва платформаҳои сармоягузориро ба вуҷуд овардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқи сиёсати давлатии рақамикунонӣ зарурати таҷдиди сохтор ва механизми фаъолияти бозори молиявиро пеш овардааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, ба масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ бахшида шудааст.

Аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори молиявиро дар асоси консепсияҳои муосири илмӣ таҳлил намуда, робитаи байни рушди иқтисоди рақамӣ ва фаъолияти бахшҳои молиявиро асоснок кардааст. Дар таҳқиқот мафҳуми бозори молиявӣ аз нуктаи назари иқтисоди рақамӣ мушаххас гардида, омилҳои таъсиррасон ба рушди он гурӯҳбандӣ шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия бо истифода аз маълумоти оморӣ таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми молиявии миллӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф вазъи рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, истифодаи воситаҳои электронии пардохт, фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва бахшҳои дигари бозори молиявиро мавриди арзёбии амиқ қарор додааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар баробари дастовардҳои назаррас, дар бозори молиявии кишвар ҳанӯз масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо барои мутобиқшавӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҷиҳати муҳими диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф танҳо ба тавсифи вазъи мавҷуда маҳдуд нашуда, барои такмили сиёсати рушди бозори молиявӣ пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ ва амалӣ манзур намудааст. Пешниҳодҳо ба баланд бардоштани сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, такмили танзими давлатӣ, тақвияти рақобат дар бозори

хизматрасониҳои молиявӣ ва густариши истифодаи технологияҳои инноватсионӣ равона гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо навгонӣ фарқ намуда, метавонанд ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегии рушди бозори молиявӣ, такмили фаъолияти қисматҳои он истифода шаванд. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқот барои таълими фанҳои тахассусии самти молия, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои молиявӣ, суғурта, фаъолияти бонкӣ ва сармоягузӣ низ арзиши амалӣ дорад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати диссертатсия, баъзе мулоҳизаҳои зеринро метавон ҳамчун тавсия иброз намуд:

1. Ҳангоми арзёбии таъсири иқтисоди рақамӣ ба рушди бозори молиявӣ истифодаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои пешсафи минтақа дар самти технологияҳои молиявии рақамӣ (FinTech) метавонист имконияти асоснок намудани пешниҳодҳои илмиро боз ҳам тақвият диҳад.

2. Дар автореферат тавсеаи заминаҳои дохилии рақамикунонии бозори молиявӣ (расми 4) оварда шудаст. Хуб мешуд, агар муаллиф заминаҳои рақамикунонии бахшҳои алоҳидаи бозори молиявиро пешниҳод менамуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва арзиши илмии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия аз рӯйи мазмун, навгонии илмӣ, асоснокии натиҷаҳо ва аҳаммияти амалии онҳо ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, автореферати диссертатсияи мазкур ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д.Н.
“26” июни соли 2026

*Имзои д.и.и., профессори ДДҲБСТ Дадоматов Д.Н. тасдиқ менамоям.*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ, н.и.х., дотсент Бобоев А.Ҳ.
“26” июни соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1. www.tsulbp.tj,
Тел.: +992 8342225170, +992 8342223811